# ВОКУНИШИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОСИПОСОНИ МИЛЛАТ М.КАБИРӢ ВА ҲАММАСЛАКОНАШ

Дар саҳифаҳои равшани таърих накши номдорони миллат, фарзандони абармарди тоҷик хеле возеҳ нишон дода шудааст, ки рӯзгору зиндагиномаи онҳо барои ҳар яки мо омӯхтанию ифтихоротӣ буда, ҳисси баланди миллиамонро болотар мебарад.

Ҳар саҳифаи таърих гувоҳ ба фарҳангу тамаддуни бостонии мо буда, фарзандони ин миллат то ҳанӯз барои истиқлолу ваҳдат, покии забони тоҷикӣ ва ҳифзи дину мазҳаб содиқанд.

Насли мо барои муаррифӣ ва нигоҳ доштани ғуруру ҳуввияти миллии хеш, пушти худ хеле девори мустаҳкам доранд, ки метавонанд бо ҳифзи ин девор ва арҷгузорӣ ба он бо сари баланд гомҳои устувор гузоранд, аз таъриху аз миллати хеш ифтихорманд бошанд, номи неки шахсиятҳои бузурги тоҷикро эҳтиром кардаву сабақ бардоранд.

Вале ҳастанд нафароне,ки ғуломи нафси касифи худ гашта, бо ҳеҷ ваҷҳ намехоҳанд кишваре, ки дар он хуни нофашон рехтаасту файзу баракати онро хурдаву ба воя расидаанд рушд кунад.

Давлату миллатҳои зиёде ҳастанд, ки натавонистаанд то аз истиқлолу ваҳдат, забону фарҳанги хеш ҳифз кунанд ва ба нобудӣ расидаанд.

Миллати тоҷик дар таърихи тӯлонии худ садҳо абармардони сиёсат, илму адабро парваридааст ва мо имрӯз ҷавонони ҳамсинни Истиқлол ва Ваҳдат ҳар яке аз он бузургонро бо эҳтиром дар умқи имону виҷдони худ бо тамоми ҳастиашон ба хизматҳо, талошҳо ва шахсияташон арҷ мегузорем.

Рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии охири қарни бистум, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон саҳифаи наверо боз кардааст, ба арсаи таърих шахсиятҳоеро овардааст, ки ба туфайли талошу муборизаҳои онҳо Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо тамоми мушаххасоти давлати демокративу ҳуқуқбунёду дунявӣ, рӯи пояҳои мустаҳками давлатдорӣ қарор гирифт ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд. Ва намоёнтарин чеҳраи сиёсии ин айёми мураккаб ва ҳамзамон тақдирсоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Бо ҳидоятҳои бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон то имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон Ҳукумати ҷумҳурӣ тавонист, ба татбиқи барномаи ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ кунад.

Дар марҳалаи сифатан нав дар амри эҳёи иқтисоди мамлакат, ки аз соли 2000-ум, давраи таъмини пурраи суботи сиёсиву иҷтимоӣ оғоз гардид,

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор пешрафт кард. Дар тӯли ин солҳо иқтисодиёти мамлакат беш аз пеш ба низоми навини бозаргонӣ мутобиқ гардида, пешрафти босуботро касб намудааст. Дар ин солҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишварамон даҳҳо корхонаҳои истеҳсоливу саноатӣ ҳам бо маблағҳои дохил ва ҳам бо инвеститсияҳои хориҷӣ бунёд ва ба таври илова даҳҳо ҳазор ҳамватанон ба кор таъмин шуданд.

Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба дастовардҳои бузургу беназир ноил шудаем, ки ҳамаи онҳо натиҷаи ташаббусхои роҳбари муаззами кишвар ҷиҳати рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт, баланд шудани сатҳи зиндагии сокинони кишвар ва муаррифии мамлакат ба ҷаҳониён аст.

Ҳамин аст, ки имрӯз ҷомеаи байналмилалӣ Тоҷикистонро кишвари ислоҳотгар ва давлати дар ҳоли рушду тавсеа эътироф кардааст.

Афзудани таваҷҷуҳи мо насли ҷавони кишвар ба арзишҳои маънавӣ омилест, ки миллатро аз қафомондагӣ ба худогоҳиву пешрафт мерасонад. Воқеан ҳам агар мо хоҳони он бошем, ки дар ниҳоди насли ҷавони кишвар эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихор аз давлатдории миллии хеш маскан дошта бошад, онгоҳ қабл аз ҳама бояд аз забон, таърих ва фарҳанги пурғановату арзишмандамон огаҳии ҳар чи бештар дошта бошем.

Воқеан илму маънавиёт дар дунёи чаҳордевориҳои бисёр устувори сиёҳ ва осебпазире, ки дучораш ҳастем, равзанае ба сӯи нур аст. Ба ҳоли худ гузоштани марзҳои ахлоқиву маънавӣ холи кардани инсон, бахусус ҷавонон аз инсоният аст.

Мегӯянд, ки душворӣ одамро бармаҳал баркамол мекунад. Мураккабии авзои сиёсиву ҳарбӣ ва ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири ҳаёти давлатӣ Эмомалӣ Раҳмонро дар сиёсати бузург на фақат рӯз аз рӯз, балки соат ба соат солору варзида менамуд. Эмомалӣ Раҳмон як ҷавоне, ки умрашон дар музофоти ҷумҳурӣ дар саҳроҳои пахтаву гандум бо мардуми оддиву бетакаллуф гузашта буд, акнун мебоист дар анҷуманҳову маҳфилҳои бузурги минтақавию умумиҷаҳонӣ, дар миёни сиёсатмадорони варзидаи дунё ширкат меварзид ва Тоҷикистонро муррифи мекард. Ва бо шоистагӣ аз уҳдаи ин кор баромаданд ва падарону модарони мо ва худи мо медидем, ки чи тавр Эмомалӣ Раҳмон бо тамкину бо тавозуъ ва бо риояи комили одоби дипломатӣ дар мулоқотҳои роҳбарони кишварҳои ҳамҷавор, дигар маҳфилу анҷуманҳои сиёсӣ, дар мулоқотҳои хоса бо роҳбарони давлатҳои абарқудрат ширкат варзида, манофеъи ҷумҳурии моро ҳифз мекарданд. Аммо он замон саркардагони Ҳизби наҳзати исломии кишвар дар майдони ҷанги шаҳрванди бо андешаҳои ифротию ғайримазҳабиашон дар садри хунрезони фазои носроми кишвар истода, ба хоҷагони хориҷиашон шояд дар фикри нест кардани саркардагони ин маллат буданд ва акнун ҳамаги ҷомеаи башарӣ ва

Тоҷикистон шоҳиди ҳол шуданд, ки чигуна ва бо ки он амалҳои нопокашонроҳи амалӣ карданд.

Албатта, барои роҳбаре, ки дар пешорӯи ӯ ҳалли вазифаҳои мураккаби таърихии поягузории давлатдории навин қарор гирифта буд, дониши амиқи равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ва омилҳои таъсиррасонанда ба ташаккули сиёсиву маънавии ҷомеа зарур аст. Аз ин рӯ, Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири ҳаёти давлатӣ ба такмили дониши сиёсиву фалсафию иқтисодии худ пардохт ва дар натиҷаи омӯзиши дақиқи таҷрибаи ҷаҳонии шаклҳои мухталифи давлату давлатдории низомҳои мавҷудаи сиёсиву иқтисодӣ ва арзишҳои тамаддуни миллию умумибашарӣ ва муқоиса намудани онҳо роҳу усули давлатдории хоси миллиро муайян намуд.

Он замон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сардори давлат бо дарки амиқи ин ҳақиқат, ки ташаккули давлат ва рушди ҳамаҷонибаи он ба эҳёи маънавӣ ва худшиносии миллиро ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта, роҳу равиши густариши ин омилҳои барои давлатдорӣ муҳимро тарҳрезӣ карданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барои Эмомалӣ Раҳмон муқаддастарину волотарин ҳадафи сиёсӣ, ваҳдату ягонагии миллати тоҷик ва тамоми халқҳои Тоҷикистон аст. Ва ин ормони муқаддасро дар фаъолияти густурдаи сиёсии хеш чун меҳвари асосӣ муайян карда, ҳар иқдомеро, ки аз рӯзи нахустини бар садри ҷомеаи Тоҷикистон омаданашон то ба имрӯз анҷом дода, дар атрофи ҳамин меҳвар ба марҳилаи иҷро расонидааст. Ба ин хотир аст, ки дар миёни мардуми Тоҷикистон ва хайрхоҳони миллати шарифи тоҷик дар тамоми ҷаҳон номи он кас ҳамчун Пешвои тоҷикони ҷаҳон бо мафҳуми ваҳдати миллӣ бо ҳам омезиш ёфта, таҷассумгари якдигар шудаанд.

Имрӯзҳо пасмондаҳои Ҳизби мамнуъи солҳои ҷангӣ шаҳрванди М. Кабири ки баъд аз сари саркардогони ин ҳизби ғайроқонуниашон ба садри роҳбарии ин ҳизб нишастаед имрӯз дар кишварҳои бегона бе он ки аз миллати шарифи худ шарм кунед Истиқлол, Ваҳдати кишвари худро зери тозиёнаи танқиди беасос мекашед, ки ин бешарафии шуморо гувоҳи медиҳад.

Ҳоҷат ба такрор нест, ки пурарзиштарин саҳифаи таърихи навини миллати тоҷик ба даст овардани сулҳу ризоияти миллӣ мебошад. Эмомалӣ Раҳмон, ки худашон сарчашмадори сулҳанд, аҳамияти бузурги таърихии имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро тавсиф намуда, онро дар як радиф бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарвазн гузоштааст. Ва шумои номуҳтарам М.Кабирӣ ин ҳама созишномаи сулҳро зери суол мебаред. Маҳз ҳамин буд, ки саромадони адабиёти ҷаҳонӣ аз ҷумла Шоири халқии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ Расул Ғамзатов гуфта буд: «Инсони боҷасорату хирадманд- Президенти

Тоҷикистон тавонист формулаи сулҳи ҷангӣ бародаркушро ёбад» шояд инро низ нодида мегиерд, зеро ҳадафатон сиёҳ аст ва чашмонатонро сиёҳии зулмате фаро гирифтааст, ки ҳеҷ наметавонед аз он халоси ёбед.

Мо, насли ҷавони Тоҷикистон, ки имрӯзҳо дар масири шоҳроҳӣ оромиву ободӣ ва сулҳу салоҳ ҳастем ва ба сӯи ояндаи дурахшони Ватани маҳбубамон равонем, итминони комил дорем, ки ба мақсуд мерасем. Зеро, моро Пешво ва пешбари миллати тоҷик муҳтарам Эмомалй Раҳмон роҳбар ва роҳнамост.

Нуктаи муҳиме ки дар инҷо мехоҳем қайд намоем, ин аст, ки моҳи равон дар Варшава Конфронси САҲА баргузор гардид ва дар он нафарони бетаҷриба ва аз лиҳози фаҳмишу дониш ва малкаи сиёсӣ ва идори бо роҳбарии саркардаи онҳо М. Кабирӣ ва ҳаммаслакони ӯ ки ба мақсад намерасад, зеро дар дунё ҳеч гоҳ қувваи бади ба некӣ ғолиб наомадааст.

Онҳо нафаронеанд, ки пушти пардаи дину мазҳаб ва сиёсати дингустарӣ ба авомфиребӣ дар кишварҳои гуногун монанди ҳайвонҳои соҳибгумкарда саргардонанд.

М. Кабирӣ ин ки дар минбари САҲА бо пуштибонии кишварҳо ва шахсиятҳои алоҳидае, ки аз ҳисоби онҳо нон мехуред ва дар рагҳои шумо хуни нопок ҷараён дорад ва ҳар лаҳза метавонад барои иғво андохтан ва носазо гуфтан тӯғён бизанад, ҳеҷ ҳуқуқе барои баррасӣ кардани нақзи ҳуқуқи маҳбусон надоранд, зеро аксари он маҳбусон олудаи гуноҳони чандинсолаи пасипардагии ӯ шуданд ва ҳоло ҳам кушиш доранд дигаронро ба ин роҳи бад ҳидоят намоянд.

Дар урфият мегӯянд инсон ҳамеша бо дуои падару модар ва пирони рузгордида рушду пешрафт карда, дар ҳаёт аз амалҳои нек боқи мемонад.

Аммо ӯ ки аз падар дуо нагирифта буд ва падари бечора бо сари хам назди ҳақу ҳамсояҳо ҷон ба дасти ҷонофарин руи дасти бегонагон супорид ва баркати осудаи у фарзанди нохалаф ва доғи падару модар ва аҳлу авлодро бо худ ба он дунё бурд, ки ин боиси шармандагии ӯ барин фарзанди нохалаф бояд бошад.

Имруз, ки бо баҳонаи озодӣ дар кишварҳои сарпарастад лофи озодӣ ва демократия мезананд, магар шарми 10 сол дар Парлумон кор кардан як маротиб лоақал ба хотира намерасад, ки аз буҷаи ин миллат ва ин сарзамин маош гирифта, дар рузгорат масраф кардааст. Ин ҳама бахшиданҳову рӯи даст кардан ӯро қонеъ накард ва боз ҳамон хуни нопок дар вуҷудаш буда ба гардиш даромад ва монанди аҳриман даст ба амалҳои нопоке мезананд.

Ҳеҷ назди миллат шарм накарда мегуяд интихоботи ғайришафоф магар ҳимояти Президенти кишвар аз ҷониби халқ, дасти дуо бардошатни ҳазорон пирони рузгордида дар ҳақи Роҳбари давлат, ин қадар дустдориву меҳру

муҳаббат ва пешвозгириҳои самими нишонаи сад дар сад тарафдор будани Роҳбари давл нест, ки магар бо ҳасади ҷонсуз ва ногувор тухми кина ва адовату иғво дар шуури мардум мекоранд. Инро бидонед ин миллат ва ин сарзамин бо ҳамин роҳбар ва ҳамин Пешво ҳамеша осуда аст ва ӯро чун гавҳари чашм нигоҳ хоҳад дошт. Кабирӣ то он дараҷа иғво ва буҳтонро сармашки кори худ кардаст, ки мамнуъ эълон шудани ҳизби ғайриинсониатонро сабаби зиёд шудани ифротгарои ва зиёд гардидани хатари падидаи тероризм ва экстремиз хондааст. Ҳайф бар ту, як нафаре чун як вакиле ки даҳ сол ин миллатро фирефтӣ, ба қавли худатон 40 ҳазор одамонро дар банди фиребҳои беканоратон иҳота кардед. Хатарҳо ва таҷибаи ҷомеаи байналмилӣ нишон медиҳад, ки дар ҳеҷ як кишвар қариб ҳизбҳои характери динни доштаро мардум қабул надоранд ва ӯ бошад сабаби коста шудани демократияро дар кишвари тоҷикон бо баста шудани ҳизби манфуронатон рабт медиҳед.

Мо ҷавонон ва ҷомеа ҳамагӣ медонем, ки имрӯз дар кишвар садҳо нафар бо ҷурми ҳамдастӣ дар гуноҳони содир кардаи ӯ аз замони ҷанги шаҳрвандӣ то имрӯз дар маҳбасхонаҳо пушти панҷараанд ва мутаасифона, баъд аз ҳабс шудан аз амалҳои манфуронаву макоранаи онҳо, ки дар рӯяшон хандида дар пушташон накшаҳо мекашанд, огаҳ мешаванду ангушти пушаймони мегазанд. Гувоҳи ин гуфтаҳо нақли яке аз собиқ аз ҳамсафони ӯ аст, ки гуфта буд: “вақте дар хориҷи кишвар дар меҳмонхона будем, Кабирӣ бо гирифтани 3 миллион долар аз ман хоҳиш карда, ки ба дигарон нагӯям” ва он нафар низ бо ҷурми гуноҳони шумо ба маҳбас рафт ва баъдан бо ибтикори Роҳбари давлат аз маҳбас раҳо гардид, ки ин нишонаи олии пойдории адолат дар кишвар аст.

Онҳо на дин доранду на мазҳаб на виҷдон доранду на номус ва на нангу ор ва на шарафу ҳувияти миллӣ. Танҳо нафароне ҳастанд, ки муздур ва дастнигари хоҷагони аҷнабиаташон ҳастанд.

Мо ҳамчун ҷавонони кишвар ба ҳамсафони ноогаҳи ин шахсияти пур аз таҷрибаи иғовою нифоқ даъват ба амал меорем, ки аз ин нафар дар ҳазар бошед, то дар оянда шуморо низ дар доми балоҳои азим монанди падаронатон модарон ва пайвандонатон, ки имрӯз дар пушти панҷараҳо бо ҷурми ҳамдастӣ дар ҷиноятҳои бешумори ин Кабирии сағир шариканд, гирифтор накунанд.

Ҳамин тариқ, Мо ДОНИШҶӮЁН ин ҳама авомфиребӣ ва иғвоангезии М.Кабирӣ ва хамсафонашро маҳкум намуда, ҳушдор медиҳем, ки дар рӯ ба рӯи шумо синаи худро сипар баҳри ватану миллат ва Пешвои худ карда, намегузорем ҳеҷ сухани носазо ва амали ғайринсониеро раво бинед. Итминонамон комил ва қавӣ аст, ки ҳазорҳо Кабирӣ барин нафарони

курнамак ва носипос наметавнонанд ҳатто як зарра хоки сарзамини моро ба боди фано баранд ва оромии моро халалдор созанд. Синаи Мо сипари  ватану миллат ва Пешвои миллат аст!!!